Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 15/шд 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили қонунгузорӣ (барои солҳои 2016-2020)» омода гардидааст.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Баъд аз соҳибихтиёр гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эътирофи принсипҳои гуногунандешии сиёсӣ, мафкуравӣ ва бисёрҳизбӣ ҳамчунин барои мустаҳкам намудани мақому манзалати онҳо дар Конститутсияи ҶТ зарурати мавриди таҳлилу баррасии ҷиддӣ қарор додани мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ пеш омад. Бо фаъолияти босамари худ ҳизбҳои сиёсӣ чун пайвандгари муносибатҳои ҳуқуқӣ-сиёсӣ миёни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷамъият амал мекунанд. Ҳизбҳои сиёсӣ барои таҳия ва татбиқи банормаю стратегияҳои давлат заминаи муҳим эътироф гашта, барои такмили қонунгузорӣ ва рушду нумуи илми ҳуқуқи конститутсионии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад. Бинобар ин, анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ барои устувор кардани меъёрҳои қонунгузории соҳавии ҳизбҳои сиёсӣ мусоидат менамояд. Хотиррасон бояд намуд, ки рисолаи илмии мазкур ба ин масъала бахшида шуда, дар шароити имрӯза мубрамияти хосро доро мебошад. Махсусан, бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомёфта бо забони давлатӣ навишта шуда, ба яке аз падидаҳои асосии ҳуқуқи конститутсионӣ – мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ бахшида шудааст. Рисолаи мазкур ба таҳлили мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ равона гардида, ошкор намудани мушкилиҳое, ки ба рушди он дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд, инчунин, коркарди тавсияҳо вобаста ба ҳалли проблемаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва қонунгузорӣ равона гардидааст.

Дар ин асос, қайд кардан лозим аст, ки диссертатсияи тақризшаванда мубрам буда, ба таҳқиқи масъалаҳои мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ бахшида шудааст ва кӯшиши муаллиф дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар доираи диссертатсияи худ, ба андешаи мо, имкониятҳои таъмин намудани татбиқи ниҳоди мазкурро, воқеан бештар месозад.

Рисоланавис тавонистааст, ки дар доираи ду боб ва шаш зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра таҳлил ва ошкор намояд.

Боби якуми таҳқиқот – «Мафҳум, моҳият ва принсипҳои ҳуқуқии ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон» аз се зербоб иборат буда, дар доираи он масъалаҳо вобаста ба мафҳуми ҳизби сиёсӣ ва мавқеи он дар низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сохтор ва таркиби ҳизбҳои сиёсӣ, принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолият ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ» аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур тартиби таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо, асосноккунии зарурати назорати давлатӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Диссертатсияи Имомов Ҳ.Ш. аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ бо забони давлатӣ доир ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мебошад. Дар он таърихи пайдоиш ва инкишофи падидаи ҳизбҳои сиёсӣ, мафҳуми ҳизби сиёсӣ ва мавқеи он дар низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сохтор ва таркиби ҳизбҳои сиёсӣ, принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолият ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили тартиби таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқ ва ухдадориҳои онҳо, асосноккунии зарурати назорати давлатӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо мавриди баррасии амиқ қарор дода шудаанд, ки навгонии таҳқиқоти мазкурро дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ бозгуӣ менамоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур шудаанд, башорат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи

таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ бахри рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ, таҷдиди қонунгузории соҳа равона гардидаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Мундариҷаи кори илмӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф тавонистааст миқдори зиёди маводи илмиро дар мавзуъ таҳлил кунад, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф бо ин мақсад на танҳо асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии падидаи ҳизбҳои сиёсӣ, балки заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи ниҳоди мазкурро таҳлил кардааст.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Хулоса ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ оид ба падидаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Ҳуқуқи парлумонӣ» ва «Ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихобот» истифода шаванд.

Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҳизбҳои сиёсӣ ва интихобот истифода бурдан мумкин аст.

Муаллиф пешниҳод намудааст, ки «ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан ба Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон», «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баъзе тағйирот ворид намуда, ба ҳизбҳои сиёсӣ ҳуқуқи пешниҳод намудани номзадҳо ба аъзогии комиссияҳои участкавии ҳама намуди интихобот дода шавад», мушаххас намудани таърихи пайдоиш ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ, мафҳум ва мавқеи он дар миёни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муайян намудани мавқеи падидаи мазкур дар қонунгузории конститутсионӣ ва интихоботӣ, муайян намудани принсипҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, сохтор ва таркиби ҳизбҳои сиёсӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тибқи қонунгузории ҶТ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати давлатӣ ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо дигар таклифу пешниҳоди муаллиф аз аҳаммияти амалӣ холӣ набуда, боиси дастгирӣ мебошад.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷудбударо пур менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Имомов Ҳ.Ш. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

1. Унвонҷӯ дар банди 5 нуктаҳои назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд менамояд, ки ҳангоми ташаккули қонунгузорӣ оид ба ҳизбҳои сиёсӣ чун як зерсоҳаи махсуси қонунгузорӣ ва бо назардошти фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ як соҳаи маҷмуавии қонунгузориро ҷудо кардан лозим аст, ки дар асоси омезиши қонунгузории маъмурӣ, гражданӣ ва конститутсионӣ ташаккул меёбад. Дар баробари ин бояд меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бартарии бештар дошта бошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар умум хулосабарории унвонҷӯ моҳиятан дуруст мебошад, аммо он баъзе паҳлӯҳои гуногуни масъаларо ба пуррагӣ фаро намегирад. Чунки қонунгузорӣ дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ ва қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба ҳамдигар наздик

мебошанд ва ба андешаи мо қонунгузории ҳизбҳои сиёсиро чун як зерсоҳаи махсуси қонунгузорӣ ҷудо намудан зарурат надорад. Зеро аксарияти меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба монанди принсипҳои таъсис ва фаъолият, бақайдгирии давлатӣ ва ғайра ба ҳизбҳои сиёсӣ низ дахл доранд.

2. Бояд қайд намуд, ки муаллиф ҳангоми ба амал баровардани таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масоили ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар сатҳи конститутсионӣ таҳқиқотҳои илмӣ мегузаронад ва аз таҷрибаи меъёрии конститутсионии давлатҳои Португалия, Испания, Бразилия ва Федератсияи Россия мисол меорад (саҳ.132-133). Аммо оид ба масъалаи мазкур аз таҷрибаи меъёрии конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр наменамояд. Албатта, дар вақти дифоъ намудани рисола мехоҳам фикри шаҳсии муаллифро оид ба масъалаи мазкур шунавам.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи падидаи мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ бо забони давлатӣ, ки бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва асарро ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҳқиқ намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгӯ аст. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Унвонҷӯ муаллифи 20 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни падидаи ҳизбҳои сиёсӣ бахшида шудаанд. Аз ин теъдод, 7 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Имомов Ҳ.Ш. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Қисмати хотимавии тақриз. Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории конститутсионӣ, фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва такмили соҳаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи

парлумонӣ, ҳуқуқи интихобот ва мурофиаи интихобот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Имомов Ҳ.Ш.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқшиносии
факултети таърих ва ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Мухторов К.Т.

Имзои Мухторов К.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Наврузов Э.М.

Суроғаи муқарриз:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 3
E-mail:hgu-rector@khujandi.com; http//www.hgu.tj; mkt-1977-20@mail.ru
Факс: (+992) 92 734-40-50; (+992) 92 002-29-40